# Сиёсати махфият

Oxford University Press ("OUP") ухдадор аст, ки маълумоти шахсии шуморо муҳофизат намояд ва қонунҳои муҳофизати иттилоотро дар саросари ҷаҳон риоя кунад. Сиёсати махфияти мазкур шарҳ медиҳад, ки мо ин корро чӣ тавр анҷом медиҳем ва нисбати истифодаи сомонаҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP аз ҷониби шумо татбиқ карда мешавад.

## Мо маълумоти шахсии шуморо чӣ тавр истифода мебарем

Мо маълумоти шахсиро барои пешбурд ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP, таъмини амнияти сомонаҳоямон ва идора кардани фаъолияти худ истифода мебарем. Мо дар **ин саҳифа** маълумот бештарро дар бораи категорияҳои маълумоти шахсиеро, ки ҷамъ меорем, роҳҳои мушаххасе, ки бо он мо чунин маълумоти шахсиро коркард мекунем, заминаи ҳуқуқие, ки ба мо анҷом додани ин амалро иҷозат медиҳад ва намудҳои шариконе, ки мо маълумоти шахсии шуморо бо онҳо мубодила мекунем, нишон додем.

Дар баъзе мавридҳо, вақте ки мо аз шумо маълумоти шахсиатонро дархост менамоем, мо чунин амалро барои иҷро намудани дархост ё фармоиши шумо анҷом медиҳем (масалан, вақте ки барои фиристодани фармоиши шумо суроғаатон лозим мешавад). Агар шумо он маълумоти шахсиро пешниҳод накунед, мо дархост ё фармоиши шуморо коркард карда наметавонем.

## Додан ва бозхондани иҷозат, инчунин навсозӣ кардани маълумоти шахсии шумо

Дар ҷое, ки барои коркарди маълумоти шахсиатон аз ҷониби мо розигии шумо талаб карда шавад, мо дар марҳилаи пешниҳоди иттилооти шахсиатон розигии шуморо дархост менамоем. Шумо ҳуқуқ доред, ки чунин розигиро дар вақти дилхоҳ бозхонед. Инчунин шумо метавонед маълумоти шахсии худро дар вақти дилхоҳ навсозӣ кунед. Агар шумо яке аз онҳоро анҷом додан хоҳед, бо мо тавассути privacy@oup.com тамос гиред.

Мо маълумоти шахсии шуморо ба тарфҳои сеюм намефурӯшем.

## Нигоҳдории маълумоти шахсии шумо

Маълумоти шахсии шумо метавонад берун аз ҳудуди кишваре, ки дар он ҷо ҷамъ оварда шудааст, аз ҷумла берун аз ҳудуди Минтақаи иқтисодии Аврупо, нигоҳ дошта ва коркард карда шавад. Ҳангоми интиқол додани маълумот ба дигарон, дар ҳудуди МИА ё ҷойҳои дигар, мо итминон ҳосил менамоем, ки чораҳои зарурӣ ва мувофиқи бехатарӣ ва техникӣ оид ба муҳофизати иттилооти шахсии шумо андешида шудаанд. Барои ин, мо моддаҳои шартномавии стандартиеро, ки Комиссияи Авпупо муқаррар намудааст, ё сертификатсияи дахлдори Privacy Shield ё Қоидаҳои ҳатмии корпоративиро, ки таъминкунандагони мо муқаррар намудаанд, истифода мебарем, ё худ чораҳои шабеҳи дигарро, ки қонунҳо дар саросари ҷаҳон талаб мекунанд, татбиқ менамоем. Нусхаи механизми мувофиқ метавонад тибқи дархост бо почтаи электронӣ ба Корманди махфияти иттилооти мо тавассути privacy@oup.com ба шумо барои баррасӣ пешниҳод карда шавад.

Мо сабти маълумоти шахсии шуморо танҳо дар давоми муддате нигоҳ медорем, ки ба қадри кофӣ барои таъмини мақсадҳои ҷамъоварии он ва риоя намудани ҳама гуна уҳдадориҳои қонунӣ ё меъёрӣ

дар мавриди нигоҳдории сабтҳо зарур мебошад. Мо дархостҳои шуморо оид ба қатъ кардани коркарди маълумоти шахсии шумо барои мақсадҳои маркетинг эҳтиром менамоем. Аз ҷумла, сабти дархости шумо ба таври ҳамешагӣ нигоҳ дошта мешавад, то ки мо онро дар оянда ба назар гирифта тавонем.

## Кукиҳо

Мо дар сомонаҳои худ кукиҳо ва дар барномаҳо ва нармафзори худ технологияҳои монанди дигарро истифода мебарем.  Барои тафсилоти тарзи татбиқи ин нисбат ба шумо, лутфан, Сиёсат оид ба кукиҳои моро бинед.

## Ҳуқуқҳои шумо

Шумо ҳуқуқ доред, ки дастрасӣ ба маълумоти шахсӣ, аниқ ё нест кардани онро талаб намоед, коркарди маълумоти шахсии худро маҳдуд созед ё ба коркарди маълумоти шахсии худ эътироз баён кунед. Шумо ҳуқуқ доред, ки ба муқоибили коркарди маълумоти шахсии худ дар асоси манфиатҳои қонунии OUP эътироз намоед. Шумо ҳуқуқ доред, ки ба муқоибили фиристодани маркетинги мустақим аз ҷониби мо ва профилкунии шумо барои мақсадҳои маркетинги мустақим эътироз намоед. Шумо метавонед тавассути почтаи электронии privacy@oup.com бо мо дар мавриди ҳама гуна ҳуқуқҳои дар ин банд тавсифшуда ё бо саволҳои худ оид ба ин сиёсати махфият тамос гиред.  Шумо ҳуқуқ доред, ки дар бораи коркарди маълумоти шахсии худ аз ҷониби мо ба мақомоти назоратӣ оид ба муҳофизати иттилоот дар кишвари ҷои истиқомат ё кори шумо ё дар ҷое, ки ба ақидаи шумо вайронкунии он ба амал омадааст, шикоят кунед.

## Тамос бо мо:

Назоратчии иттилоот барои сомонаҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои мо ректор, омӯзгорон ва олимони University of Oxford, бо тамғаи тиҷорати Oxford University Press дар суроғаи Great Clarendon Street, Oxford OX2 6DP, United Kingdom мебошанд, агар дар сомона, маҳсул, хизматрасонӣ ё варақае, ки тавассути он шумо иттилооти шахсии худро ба мо пешниҳод намудаед, ба таври дигар нишон дода нашуда бошад. Масалан, агар шумо иттилооти шахсии худро тавассути сомонаи www.oupe.es пешниҳод намуда бошед, пас назоратчии иттилоот Oxford University Press España S.A. мебошад. Агар шумо надонед, ки назоратчии иттилооти шумо кист ё оид ба ин сиёсати махфият саволҳо дошта бошед, метавонед ба Назоратчии махфияти иттилоти OUP (Назоратчии махфияти иттилот) дар ҳамон суроға ё тавассути постаи электронӣ дар privacy@oup.com муроҷиат намоед.

## OUP чӣ гуна маълумотро ҷамъ меорад?

Мо иттилооти шахсӣ дар бораи шуморо вақте ҷамъ меорем, ки шумо аз мо молҳо ва хизматрасониҳо мехаред ва тавассути сомонаҳои мо бо мо таомул мекунед. Маълумот аз инҳо иборат аст:

- Ном, номи корбар, пароли шумо.
- Суроғаи ҷои истиқомат ё кор, суроғаи почтаи электронӣ ва рақами телефон.
- Маълумоти пардохтӣ ва молрасонии шумо, аз ҷумла суроға барои пешниҳоди ҳисоб ва расонидани молҳо, ва маълумоти корти қарзӣ, ки барои харидҳо аз мо истифода мешаванд.
- Афзалиятҳои маркетингии шумо, аз ҷумла ҳама гуна розигиҳое, ки шумо ба мо медиҳед.
- Маълумот доир ба браузер ё дастгоҳе, ки шумо барои дастрасӣ ба сомонаҳои мо истифода мебаред.

- Сабтҳои истифодаи хизматрасониҳои OUP аз ҷониби шумо.

## OUP маълумоти шуморо чӣ тавр истифода мебарад?

Мо маълумоти шуморо ба тариқи зайл истифода мебарем:

- Барои иҷро намудани шартнома бо шумо ё иҷрои амалҳо бо дархости шумо, пеш аз:
    - Иҷрои фармоишҳо
    - Пешниҳоди маълумот ва кумаки техникӣ бо дархости шумо
    - Тамос бо шумо дар мавриди тағйирот дар хизматрасониҳо
    - Муносибат бо корти қарзие, ки тавассути сомонаҳои мо бо истифодаи хадамоти пардохтии бо PCI мутобиқ пешниҳод карда шудааст
    - Идоракунии рақобат
    - Нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти шумо барои баррасӣ ва пешбурди аризаи шумо оиди қабул ба кор

- Ҳангоми зарурати OUP барои пеш бурдани фаъолияти мо ва манфиатҳои қонунии мо, аз ҷумла:
    - Фароҳам овардани дастрасии шумо ба маҳсулот ё хизматрасониҳои мо бо фармоиши муассисаи шумо
    - Ба шумо пешниҳод намудани муҳтавои гуногун дар доираи ягон маҳсул ё хизматрасонӣ, вобаста аз тарзи истифодаи он маҳсул ё хизматрасонӣ аз ҷониби шумо
    - Огоҳ сохтани шумо дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP тавассути почта, почтаи электронӣ ва телефон аз рӯи афзалиятҳои маркетингии шумо ва қонуни марбута оид ба маркетинги мустақим
    - Пешниҳод намудани таблиғоти ҳадафманд оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои дигари OUP, ки ба назари мо барои шумо ҷолибанд, дар асоси тарзи истифодаи сомонаҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP аз ҷониби шумо
    - Таҳлили тарзи истифодаи маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP аз ҷониби шумо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва тарҳрезии маҳсулот ва хизматрасониҳо дар оянда, аз ҷумла тавассути пурсишҳо
    - Таъмини амнияти сомонаҳо ва системаҳои технологияҳои иттилоотии OUP ва муҳофизати ҳуқуқҳои OUP

- Дар ҳолати гирифтан розигии шумо:
    - Агар барои фиристодани маркетинг оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои OUP ба мо розигии шумо лозим бошад
    - Барои ҷойгир намудани кукиҳо ва истифодаи технологияҳои шабеҳ дар дастгоҳ(ҳо)и шумо, тавре ки дар Сиёсат оид ба кукиҳо баён карда шудааст.

- Барои мақсадҳое, ки тибқи қонун талаб карда мешаванд:
    - Интиқол додани маълумоти шахсии шумо бо мақсади мувофиқат бо уҳдадориҳои ҳуқуқие, ки нисбати OUP амал мекунанд.

## OUP маълумоти шуморо чӣ тавр интиқол медиҳад?

Мо ҷузъиёти шпхсии шуморо интиқол медиҳем

- Дар дохили OUP ва ба гурӯҳи ширкатҳое, ки ба таври дар боло зикршуда бо коркард машғуланд
- Бо таҳвилгарони хизматрасониҳои тарафи сеюм, ки маълумоти шуморо аз номи OUP коркард мекунанд – аз қабили коркардкунандагони пардохтҳо ё муассисаҳои иҷрокунанда
- Ба тарафҳои сеюм, ки дар сабқатҳое, ки шумо ба онҳо ворид мешавед, ҳамчун таблиғгарони ҳамроҳ муайян карда шудаанд
- Ба ҷамъиятҳои омӯзишӣ, ки аз номи онҳо OUP маҷаллаҳоеро нашр мекунад, ки шумо ё муассисаи шумо ба онҳо обуна мешавед
- Ба муассисаҳое, ки тавассути онҳо шумо ба хизматрсониҳои OUP дастрасӣ пайдо мекунед.

Инчунин, мо маълумоти шахсии шуморо интиқол медиҳем:

- Агар, ба ақидаи мо, ин барои муҳофизат кардани ҳуқуқҳо, амвол ё бехатарии OUP, кормандон, шарикони тиҷорӣ ё муштариёни мо зарур бошад. Ин интиқоли маълумот бо мақсади муҳофизат аз қаллобӣ ва коҳиш додани хавфи корти қарзиро дар бар мегирад.
- Ба мақомоти давлатӣ ва/ё кормандони ҳифзи ҳуқуқ, агар қонун чунин талаб кунад.